*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — *6 апрели соли 2026* — №4-5 (245-246)



# НАВРӮЗ – РАМЗИ ЭҲЁИ ТАБИАТ, ВАҲДАТ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

## Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо – хурду бузурги мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро ба муносибати фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик мегӯям.

Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои башар, оғози соли нав, айёми аз сардӣ ба гармӣ баромадан, эҳёи дигарбораи табиат ва тамоми мавҷудоту набототи он мебошад.

Мардумони куҳанбунёди ориёитабор ғайр аз Наврӯз ойину ҷашнҳои дигари бостонӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргонро низ таҷлил мекунанд, вале Наврӯз дар миёни онҳо шукӯҳу ҷалоли хосса дорад.

Гузаштагони некному хирадманди мо ин ҷашнро бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд дар тӯли беш аз шаш ҳазор сол ҳифз карда, то замони мо расонидаанд.

Ин ҷашни фархунда тайи ҳазорсолаҳо ба мероси гаронбаҳои фарҳанги мардумӣ ва ҷузъи ҷудоинопазири ҳувияту ифтихори миллии мо табдил ёфтааст.

Ҳамзамон бо ин, фарҳанги пурарзиши наврӯзӣ тадриҷан ҳамчун омили муҳимми сулҳу оромӣ ва ҳамзистии фарҳангу тамаддунҳо ва қаламравҳои гуногун эътироф гардидааст.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд баробаршавии шабу рӯз дар як сол ду маротиба рух медиҳад, аммо Наврӯз ҳамчун падидаи зебои табиӣ эҳёи табиат ва мавҷудоти оламро дар фасли баҳор, яъне нишонаҳои зиндагии навро дар худ таҷассум мекунад.

Ба ҳамин сабаб ниёгони хирадманди мо маҳз ҳамин рӯз, яъне эътидоли баҳориро оғози соли нави хуршедӣ қарор додаанд ва онро бо калимаи зебои тоҷикӣ «наврӯз» ном ниҳодаанд.

Номи Наврӯз дар тӯли ҳазорсолаҳо дигар нашудааст ва бо ҳамин номи мантиқиву зебо то замони мо зинда мондааст.

Имрӯз мардумони кишварҳои гуногун ҳамдигарро бо забони ширину зебои тоҷикии «Наврӯз муборак!» шодбош мегӯянд.

Таърихан тоҷикӣ будани номи Наврӯз гувоҳи равшани он аст, ки ин ойини муборак бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ аз муҳити зисти ниёгони ориёитабори мо бархостааст.

Бинобар ин, мо – ворисони ин ҷашни зеборо зарур аст, ки бо бунёди Маркази байналмилалии Наврӯз дар пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе ба арзишу суннатҳои он арҷ гузорем, онҳоро ҳифз кунем ва густариш диҳем, зеро ҳифзи ин ҷашн, пеш аз ҳама, посдориву нигоҳдории яке аз шоҳсутунҳои ҳувияту худшиносии миллии мо мебошад.

Воқеан, бояд гуфт, ки мо дар кишвари худ ду ҷашни муқаддас ва бузург дорем, ки яке ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон ва дигаре Наврӯз – ойини бостонии аз аҷдоди ориёиамон бамеросмонда мебошад.

Ва метавон гуфт, ки ин ду падида ду боли парвози мо дар масири таърих ба шумор мераванд.

Дар робита ба ин, мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҷашни Наврӯзи имсола ҳамчун омили муҳимми худшиносиву худогоҳии мо – тоҷикон аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Чунки соли 2026-ро мо «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон кардаем.

**Ҳамватанони азиз!**

Наврӯз на танҳо ҷашни эҳёи табиат ва замони баробаршавии шабу рӯз аст, балки ҷашни марди деҳқон ва оғози мавсими корҳои кишоварзию боғдорӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ин хотир, кишоварзон ва ҳамаи онҳое, ки бо замин сарукор доранд, аз ҷумла шахсоне, ки соҳиби заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ мебошанд, бояд аз ҳар як рӯзи мусоиди фасли баҳор истифода баранд.

Мо бояд барои ба даст овардани ҳосили фаровон, яъне зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудани бозори истеъмолӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат ҳарчи бештар саъю кӯшиш намоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки вазъи ҷаҳони муосир рӯз ба рӯз мураккабу ҳассос гардида, дастрасии аҳолии сайёра ба маводи ғизоӣ торафт душвор шуда истодааст.

Бинобар ин, мо бояд аз тамоми захираву имкониятҳое, ки дар ихтиёр дорем, аз ҷумла аз ҳар як ваҷаб замин ва об самаранoку оқилона истифода намоем.

Мо имсол Наврӯзро ба шукронаи сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва дар давраи омодагӣ ба ҷашни бузурги миллиамон – 35-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон пешвоз мегирем.

Эътимоди комил дорам, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон кору фаъолияти бунёдкориву созандаи худро ба хотири истиқболи сазовори ин ҷашни муқаддаси миллӣ вусъати тоза мебахшанд.

Мо бояд ин неъмати муқаддасу бебаҳо, яъне истиқлолу озодиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва шукрона кунем, ки мо – тоҷикон соҳиби давлати соҳибистиқлол ҳастем!

*(Давомаш дар саҳ. 2)*




# НАВРӮЗ – РАМЗИ ЭҲЁИ ТАБИАТ, ВАҲДАТ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

## Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз

*(Идома аз саҳ. 1)*

Наврӯз ҷашнест, ки бо эҳёву сарсабз гардидани табиат ба хонадони мардуми кишвар суруру шодмонӣ меоварад ва одамонро дар баробари зоҳири ороста ба поксозии ботин ва аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ташвиқу ҳидоят мекунад.

Наврӯзи фархундапай, ҳамчунин, талқин мекунад, ки мо ба тозагиву озодагӣ ва ободии гирду атроф, яъне муҳити зисти худ аҳаммияти хосса диҳем.

Яъне дар бар кардани либосҳои миллӣ ва хонаву маҳалли зисти худро тозаву озода нигоҳ доштан аз ойинҳои бисёр муҳимми ин ҷашн маҳсуб меёбанд.

Аз ин лиҳоз, мардуми мо ба истиқболи Наврӯз хонаву кошонаи худро озодаву ороста мегардонанд, қалбҳои хешро аз кинаву кудурат пок месозанд ва ин ҷашн, яъне саршавии солро бо дили поку нияти нек, бо умеди оромиву осоиш ва файзу баракат таҷлил мекунанд.

Ин аст, ки ойину суннатҳо ва маҳфилу базмҳои Наврӯзӣ мардумро сарҷамъу муттаҳид месозанд.

Вобаста ба ин, хотирнишон месозам, ки мо бояд бо забон, таърих ва фарҳанги бостонии худ, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои бою рангоранги миллии худ, аз ҷумла сару либос ва таомҳои миллиамон ифтихор намоем, онҳоро ҳифз кунем ва густариш диҳем.

Ҳамватанони азизи мо, ҳамчунин, набояд фаромӯш созанд, ки дасти кумак дароз кардан ба ниёзмандон, хурсанд кардани дили ятимон, хабар гирифтан аз ҳоли падару модарон, бародарону хоҳарон, беморону калонсолон ва дигар амалҳои хайре, ки боиси хушҳоливу болидахотирии инсонҳо мегарданд, яке аз ҷанбаҳои умдаи ҷашни Наврӯз мебошад.

Бовар дорам, ки мо бо ваҳдату сарҷамъӣ ва заҳмати аҳлонаи мардумамон ба ҳама ҳадафҳои стратегие, ки дар назди худ гузоштаем, мерасем ва Наврӯзи бостонӣ бо қадамҳои муборакии худ ба ҳар як хонадони мамлакат шодиву хушҳолӣ ва барору комёбӣ меоварад.

Дар шароити бисёр ҳассосу пурҳаводиси ҷаҳони имрӯза мо ба шукронаи соҳибватанӣ ва соҳибдавлативу соҳибистиқлолӣ бояд боз ҳам муттаҳиду сарҷамъ ва босабру таҳаммул бошем, Ватани азизи худро сидқан дӯст дорем, ба таърих, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллиамон арҷ гузорем.

Бо эътимоди комил ба фардои ободи Тоҷикистони маҳбубамон, бори дигар фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалиро ба хурду бузурги мардуми кишвар, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона шодбош мегӯям.

Ба хонадони ҳар як фарди мамлакат саломативу сарбаландӣ, хушбахтиву саодати рӯзгор ва файзу баракати наврӯзӣ орзу менамоям.

**Соли нави аҷдодӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ЭҲЁГАРИ НАВРӮЗ

**«Наврӯз яке аз маҳбубтарин ҷашнҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик буда, ҳамчун рамзи офариниши ҳаёт, оғози тозаи зиндагӣ аз давраҳои дур то ба имрӯз расидааст».**

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -**
**Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои фарҳангии башарият, хусусан мардуми ориётабор ба шумор меравад. Он аз замони бостон боқӣ монда, рамзи эҳёи табиат, оғози зиндагии нав ва ҳамбастагии инсонҳо мебошад. Ва мешавад, ки Наврӯз дар давраи подшоҳии шоҳи афсонавӣ Ҷамшед ба вуҷуд омадааст. Тибқи ривоятҳо, Ҷамшед дар рӯзи аввалини баҳор бар тахти шоҳӣ нишаст ва мардум он рӯзро ҳамчун оғози давраи нав ҷашн




гирифтанд. Аз ҳамин сабаб ин рӯз "Наврӯз", яъне "рӯзи нав" номида шуд.

Дар фарҳанги қадимаи ориёӣ Наврӯз бо баробаршавии шабу рӯз алоқаманд мебошад. Дар ин рӯз офтоб ба нуқтаи баробарии шабу рӯз мерасад ва табиат ба давраи нави ҳаёт ворид мегардад. Ин падида барои мардуми бостон аҳамияти бузурги рамзӣ дошт, зеро онҳо табиатро ҳамчун сарчашмаи асосии зиндагӣ мешинохтанд.

Дар давраи империяҳои Ҳахоманишиён ва Сосониён Наврӯз ҳамчун ҷашни давлатӣ таҷлил мегардид. Подшоҳон дар ин рӯз маросимҳои махсус баргузор мекарданд ва мардум аз минтақаҳо барои иштирок меомаданд. Ин ҷашн на танҳо маросими фарҳангӣ, балки воситаи таҳкими ваҳдати сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ ба ҳисоб мерафт.

Наврӯз дар фарҳанги тоҷикон мавқеи махсус дорад. Мардуми тоҷик аз қадим ин ҷашнро бо расму оинҳои гуногун ва анъанаҳои миллӣ ҷашн мегирад. Омодагӣ ба Наврӯз одатан чанд

барои халқҳои ориёитабор, аз ҷумла тоҷикон, на танҳо ҷашни мавсимӣ, балки унсури муҳимми ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ мебошад. Бо фарорасии баҳор, вақте ки табиат аз нав зинда мешавад, мардум Наврӯзро ҳамчун оғози соли нав ва рамзи умеду орзуҳои тоза таҷлил мекунанд.

Алҳол Наврӯз на танҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна, балки дар бисёре аз давлатҳои ҷаҳон ҷашн гирифта мешавад. Дар сатҳи байналмилалӣ низ эътироф шуда, ҳамчун мероси фарҳангии ғайримоддии инсоният арзёбӣ шудааст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Наврӯз барои дарки амиқи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ муҳим мебошад.

Таърихи Наврӯз ба ҳазорсолаҳои дур мерасад. Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки пайдоиши ин ҷашн ба давраҳои бостонии тамаддуни ориёӣ алоқаманд аст. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ зикр



# ВА ҲОМИИ ОЙИНҲОИ АҶДОДӢ

рӯз пеш аз фаросиси он оғоз мешавад. Мардум хонаҳои худро тоза мекунанд, ҳавлӣ ва кӯчаҳоро обод менамоянд ва кӯшиш мекунанд муҳити атрофро ба ҳолати тоза ва зебо дароранд.

Яке аз расму оинҳои муҳим дар арафаи Наврӯз омода кардани дастархони идона мебошад. Дар он хӯрокҳои гуногуни миллӣ гузошта мешаванд. Аз ҷумла суманак, ки аз гандуми сабзкардашуда омода мешавад ва рамзи фаровонӣ, баракату ҳаёти нав мебошад. Омода кардани суманак одатан бо иштироки занону духтарон ва бо сурудхонӣ сурат мегирад. Илова бар ин, дар рӯзҳои Наврӯз бозиҳои гуногуни мардумӣ баргузор мегарданд. Гуштингирӣ, аспдавонӣ, тухмҷанг, арғамчинбозӣ ва дигар бозиҳои анъанавӣ фазои ҷашниро боз ҳам ҷолибтар мегардонанд. Ин чорабиниҳо ба таҳкими рӯҳияи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва рақобати солим мусоидат мекунанд.

Дар андешаи аҷдодонамон Наврӯз рамзи эҳёи меҳру муҳаббат, ақидаҳои ахлоқиву фарҳангӣ ва ҳамчун рӯзи баровардани хираду эҳёи одамӣ ёд мешавад.

Мардуми азизи Тоҷикистон суннатҳои неки Наврӯзи аҷдодиро пос дошта, ба истиқболи ин ҷашни накӯ макони зисту ашёи рӯзгор ва сару либосро тозаву озода ва нав мекунанд, кинаву адоватро аз қалб пок месозанд, ҳамдигарро бо чеҳраи кушоду гарму пурмеҳр ба оғӯш мегиранд ва муҳимтар аз ҳама, гуноҳҳои ҳамдигарро мебахшанд ва ба ниёзмандон дасти ёрӣ дароз мекунанд.

Ҳамчунин дар рӯзҳои Наврӯз мар-



дум ба аёдати хешу табор ва ҳамсоягон мераванд. Ин анъана рамзи эҳтиром, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Дар чунин рӯзҳо мардум кӯшиш мекунанд, ки кинаву адоватро фаромӯш карда, муносибатро бо дигарон беҳтар намоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми Наврӯз ғамхорӣ ба калонсолон ва ниёзмандон мебошад. Дар бисёр минтақаҳо мардум рӯзҳои ҷашн ба шахсони камбизоат кӯмак мерасонанд ва кӯшиш мекунанд, ки ҳама аз фазои ҷашнӣ баҳра баранд. Ин амалҳо нишон медиҳанд, ки Наврӯз на танҳо як ҷашни фарҳангӣ, балки як мактаби ахлоқӣ низ мебошад.

Наврӯз инчунин мардумро ба ҳифзи табиат ташвиқ мекунад. Азбаски ин ҷашн бо эҳёи табиат алоқаманд аст, дар бисёр ҷойҳо рӯзҳои Наврӯз корҳои ободонӣ ва ниҳолшинонӣ анҷом дода мешаванд. Ин анъана нишон медиҳад, ки инсон бояд бо табиат дар ҳамоҳангӣ зиндагӣ кунад.

Дар замони муосир Наврӯз аз доираи як ҷашни миллӣ берун рафта, ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтааст. Айни замон ин ҷашн дар даҳҳо кишвари ҷаҳон таҷлил мегардад. Аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ, Ховари Миёна, Балкан ва минтақаи Қафқоз бо баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, намоишгоҳҳо ва фестивалҳо Наврӯзро бо шукӯҳу шаҳомати махсус истиқбол мекунанд.

Эътирофи байналмилалии Наврӯз нишон медиҳад, ки ин ҷашн дорои арзишҳои умумибашарӣ мебошад. Мардумро ба сулҳ, ҳамкорӣ ва эҳтиром даъват мекунад. Аз ин рӯ, он метавонад ҳамчун воситаи муҳими таҳкими муколамаи фарҳангҳо хизмат кунад.

Наврӯз дар Тоҷикистони биҳишосо ҳамчун иди расмии миллӣ дар сатҳи давлатӣ таҷлил мешавад ва маросиму ҷашнҳо бо хӯрокҳои миллӣ, бозиҳо, урфу одатҳо баргузор мегарданд.

Наврӯз барои мардуми тоҷик ҳамчун ҷашни муқаддас ва хоса дар таърих, фарҳанг ва маданияти миллӣ маҳсуб шуда, он ба рамзи ваҳдат, саломатӣ ва шукуфоии кишвар табдил ёфтааст. Дар кишвар барномаҳои фарҳангӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ баргузор мешаванд. Ин чорабиниҳо ба ҳифз ва рушди анъанаҳои миллӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, Наврӯз яке аз муҳимтарин меросҳои фарҳангии тамаддуни ориёӣ мебошад, ки тӯли ҳазорсолаҳо арзишҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро нигоҳ дошта, ба наслҳои гуногун интиқол додааст.

Дар айни замон низ ин ҷашн аҳамият гум накарда, ҳамчун рамзи дӯстӣ, сулҳ ва ҳамбастагӣ хизмат мекунад. Ҳифз ва рушди анъанаҳои Наврӯз барои нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ ва ғанӣ гардондани фарҳанги ҷомеа нақши бузург дорад. Танҳо тавассути эҳтиром ва қадрдонии ҳамин гуна мероси фарҳангӣ метавон робитаро бо таърихи гузашта нигоҳ дошт ва барои ояндаи комилан фарҳангии ҷомеа заминаи устувор гузошт.

**МИРЗОЗОДА Мирзоаҳмад Саид, муовини ректор оид ба корҳои маъмурию хоҷагӣ**



**Бо мақсади гиромидошти арзишҳои миллӣ ва муаррифии дастовардҳои илмӣ, роҳбарият ва иддае аз кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон зимни тантанаҳои бошукӯҳи ҷашни байналмилалии Наврӯз, ки 31 марти соли ҷорӣ дар Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, фаъолона иштирок намуданд.**



# ҶИЛОИ ДАСТОВАРДҲО ДАР ТАНТАНАҲОИ НАВРӮЗӢ

Дар он дастовардҳои назарраси муассиса оид ба самтҳои гуногун, аз ҷумла илму техника, инноватсия, тарроҳӣ ва варзиш ба намоиш гузошта шуда, маҳсули заҳмати омӯзгорону донишҷӯён, аз қабили ихтироот, лоиҳаҳои инноватсионӣ, корҳои тарроҳӣ ва дастовардҳои варзишӣ, таваҷҷуҳи зиёди иштирокдоронро ҷалб намуданд. Намоиш имконият фароҳам овард, ки сатҳи баланди иқтидори илмӣ-таҳқиқотии донишгоҳ ва нақши он дар рушди соҳаҳои гуногун ба таври возеҳ муаррифӣ гардад.

Ҳайати ДТТ ҳамчунин бо оростани дастархони идонаи наврӯзӣ, ки бо анвои гуногуни таомҳои суннатии тоҷикӣ ва рамзҳои хоси Наврӯз оро ёфта буду намунаи равшани фарҳанги ғанӣ ва меҳмоннавозии тоҷикона маҳсуб меёфт, ба чорабинӣ ҳусни дигар бахшид. Зеро он бо тарҳи ҷолиб ва мазмуни амиқи фарҳангӣ, таваҷҷуҳи меҳмононро ҷалб намуда, фазои гарму самимии идонаро боз ҳам ғанӣ гардонд.



Барои боз ҳам рангин ва хотирмон гардидани барномаи идона, дастаи ҳунарии «Зуҳал»-и ДТТ бо иҷрои суруду таронаҳои дилнишини наврӯзӣ ва ватандӯстона маҳфилро пуршукӯҳтар гардонд. Дарвоқеъ, барномаи ҳунарии пешниҳодгардида ба чорабинӣ шукӯҳу шаҳомати хоса зам намуда, сатҳи баланди фарҳангии донишгоҳро бозгӯ кард.



Месазад гуфт, ки иштироки фаъолонаи ДТТ дар чунин чорабиниҳои сатҳи баланд гувоҳи равшани таваҷҷуҳи роҳбарият ба рушди фарҳангу суннатҳои миллӣ, илму техника ва эҳёи арзишҳои миллӣ мебошад. Ин гуна иқдомҳо барои тарбияи насли худогоҳ, ватандӯст ва дорои ҷаҳонбинии васеъ мусоидат намуда, саҳми муассисаро дар пешрафти ҷомеа боз ҳам намоёнтар месозанд.



**ХАБАРНИГОРИ МО**

# НАВРӮЗ ҶАВОН КАРД

**Субҳи 30 марти соли равон, ки ҳавояш аз накҳати гулҳои навшукуфтаи баҳорӣ ва қатраҳои борони раҳмат тароват тозагӣ гирифт, саҳни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба майдони воқеии идона табдил ёфт. Ва дар он бо иштироки меҳмонону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён бо шукӯҳу шаҳомати хосаю риояи анъанаҳои миллӣ ҷашни дилафрӯзи Наврӯзи байналмилалӣ ботантана таҷлил гардид.**










Аз лаҳзаҳои аввал эҳсос мешуд, ки ҳамоиш идонаи маъмулӣ нест, балки пайванди амиқи суннат, маърифат, фарҳанг ва худшиносӣ мебошад. Насими серуни баҳорӣ, ки бо садои мусиқӣ ва хурсандии ҳозирин ҳамоҳанг мешуд, ба фазо рӯҳи тоза мебахшид. Меҳмонон, кормандон ва толибилмон бо чеҳраҳои кушоду пурнишот ба маъракаи зебо ҳусни дигар зам мекарданд.

Дар роҳраву гулгаштҳо хонҳои наврӯзӣ бо ҳама рамз, аз ҷумла ҳафтсин, ҳафтшин ва ҳафтмим ороста буданд, ки ҳар як ашёи онҳо на танҳо ҷузъи ороиш, балки нишони фарҳанги куҳан ва фалсафаи зиндагии миллати тоҷикро таҷассум мекарданд.

Қабл аз ифтитоҳи расмӣ, роҳбарияти донишгоҳ ҳузури меҳмонони олиқадрро хайра мақдам гуфта, онҳоро бо намоишгоҳҳои наврӯзии оростаи раёсату идораю факултетҳо ва МДТ "Литсейи инноватсионии Душанбе"-и назди ДТТ, ки бо риояи анъана ва расму оинҳои миллии хоси Наврӯз ороста буданд, шинос карданд.

Сипас, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, чорабиниро ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро самимона табрику таҳният ва барояшон саодати зиндагӣ, шодии идонаю тамоми хушиҳои рӯзгорро орзу намуд.

Ӯ иброз дошт, ки ҷашни Наврӯз на танҳо рамзи фасли баҳор, балки нишонгари эҳёи анъанаҳои миллӣ, дӯстӣ ва ҳамбастагии мардум мебошад.

Номбурда инчунин қайд кард, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар эҳё ва густариши суннатҳои наврӯзӣ ба марҳилаи сифатан наву тоза ворид гардид. Дар ин раванд саҳми Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург мебошад. Зеро бо сиёсати фарҳангпарварона ва ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат арзишҳои аслии Наврӯз аз нав эҳё гардида, ба яке аз рукнҳои муҳими худшиносии миллӣ табдил ёфтанд.

Ректори муассиса ҳамчунин зикр намуд, ки бо талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат ҷашни Наврӯз аз доираи миллӣ берун рафта, ба сатҳи байналмилалӣ бароварда шуд. Бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз Созмони Милали Муттаҳид соли 2010-ум 21 мартро ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз эътироф намуд. Ин иқдоми таърихӣ боис гардид, ки Наврӯз ҳамчун ҷашни сулҳ, дӯстӣ ва ҳамбастагии халқҳо дар бисёр кишварҳои ҷаҳон таҷлил карда шавад.

-Айни замон бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат Наврӯз дар мамлакат бо шукӯҳу шаҳомати хоса, аз ҷумла бо усули «деҳа ба деҳа» таҷлил мегардад. -Ҳадафи ин ташаббус таҳкими дӯстӣ ва ҳамбастагии мардум, эҳёи анъанаҳои миллӣ, рушди муҳити иҷтимоӣ ва ободонии маҳалҳо мебошад. Маҳз тавассути чунин иқдомҳо мардум ба корҳои ободонӣ, тоза намудани муҳити зист, шинонидани дарахтон ва ҳифзи табиат саҳми фаъол мегузоранд, - афзуд Раҳмонзода Зоир Файзалӣ.

Баъдан, чун анъанаи дерин, дар фазои тантанавӣ, бо фармоиши ректори ДТТ аз 28 марти соли 2026 таҳти №18/ХУ, иддае аз омӯзгорон, кормандон, донишҷӯён ва дастпарварони фаъоли муассиса бо медалу нишони ифтихорӣ ва ифтихорномаҳо барои меҳнати софдилона ва тарбияи насли наврас сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла, **бо медали 35-солагии ДТТ** Тамара Хусанова, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони русӣ, Музаффар Холиқов, хатмкардаи ДТТ, **бо Ифтихорномаи раёсати ДТТ бахшида ба ҷашни Наврӯз** Шамсулло Абдураҳмонов, сардори идораи маъмурию хоҷагидорӣ, Амиршо Гадоев, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идора, Наргис Гулбекова, мутахассиси бойгонӣ, Шодӣ Очилдиев, масъули анбори раёсати молия ва муҳосибот, Абдулмаҷид Толибов, муовини декан оид ба тарбия ва корҳои идеологии факултети технология ва дизайн, Лутфия Мирзоева, танзимгари факултети муҳандисӣ технологӣ, Давлатбӣ Нарзуллаева, корманди ёрирасони комenданти бинои №1-и идораи маъмурию хоҷагидорӣ, Мадина Ҳабибзода, котиба-коргузори факултети таҳсилоти фосилавӣ-ғоибона ва Нишона Сариева, танзимгар-коргузори факултети таҳсилоти фосилавӣ-ғоибона.

Инчунин, **бо медали ҷашнии 30-солагии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон** Хаёл Бобоев, доктори илмҳои таърих, иҷрокунандаи вазифаи профессор, **бо нишони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** Анушервони Шоҳвалихон, декани факултети таҳсилоти фосилавӣ-ғоибона, Субҳиддин Арбобов, мудири шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот ва барномаҳои таҳсилотӣ, Зиёдамоҳ Раҷабова, мудири кафедраи молия ва қарз, Некбахт Шукуров, муовини декан оид ба таълим, илм ва инноватсия (мушовири академии донишҷӯён)-и факултети иқтисодиёт ва молия, **бо Ифтихор-**



# БА ДИЛ ПИРУ ҶАВОНРО



**номаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон** Мавзуна Шарифова, сармутахассиси алоқа бо истеҳсолот ва татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, Ситора Содиқова, муаллими калони кафедраи технологияи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, **бо Ифтихорномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон** Ибодулло Ҳақёров, мудири кафедраи фанҳои техникӣ, мехатроника ва робототехника ва **бо Ифтихорномаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе** Икромӣ Хуршед Икром, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ.

Ғайр аз ин, Ҳусейн Саидов, омӯзгори кафедраи кимиё **ба гирифтани дипломи доктор PHD,** Анушервони Шоҳвалихон, декани факултети таҳсилоти фосилавӣ-ғоибона, Назарзода Мавлуда Раҷабалӣ, директори МДТ «Литсейи инноватсионии Душанбе»-и назди ДТТ ва Олимбойзода Парвинаи Ахмадбек, мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, бо гирифтани дипломи дотсентӣ шарафёб гардиданд.

Илова бар ин, омӯзгороне, ки соли равон рисолаи номздӣ ҳимоя намуданд ба маблағи 5000 сомонӣ ва рисолаи докторӣ дифоъ карданд ба маблағи 10 000 сомонӣ қадрдонӣ шуданд.

Гузашта аз ин, ғолибони мусобиқаҳои варзишӣ аз рӯи намудҳои волейболи духтарона, волейболи писарона ва футболи хурд байни факултетҳо, ки тибқи Низомномаи тасдиқшуда бахшида ба 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикисатон ва ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ баргузор ва ғолибони онҳо ба тариқи зайл муайян гардиданд, бо ҷому диплому медалҳо сарфароз шуданд:

**Волейболи (духтарона)**

1. Факултети технологӣ ва дизайн
2. Факултети менеҷмент ва маркетингӣ байналмилалӣ
3. Факултети иқтисодиёт ва молия

**Волейболи (писарона)**

1. Факултети муҳандисӣ-технологӣ
2. Факултети технологияи иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ
3. Факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотск ва Донишгоҳи технологииТоҷикистон

**Футболи хурд**

1. Факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ
2. Факултети иқтисодиёт ва молия
3. Факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ

Қисмати фарҳангии ҷашн фазои идонаро боз ҳам рангорангтар гардонд. Суруду таронаҳои васфи баҳор, дӯстӣ, Ватан, Наврӯз. Тоҷикистон ва сулҳ дар иҷрои ҳунарманди номошно Шӯҳрат Сайнаков ва ҳаваскорони дастаи ҳунарии "Зуҳал"-и ДТТ қалбҳоро пур аз шодӣ карданд. Инчунин шеърхонӣ, рақсу тарона ва барномаҳои гуногуни ҳунарӣ якдигарро пурра намуда, маъракаро ба саҳнаи зиндаи фарҳанг табдил доданд.

Муҳимтар аз ҳама, чорабинӣ мактаби зиндаи маърифат буд. Он нишон дод, ки дар замони муосир низ метавон суннатҳоро бо рӯҳи нав зинда нигоҳ дошт ва онҳоро ба манфиати рушди фарҳанг ва маънавиёти ҷомеа истифода бурд.

**А. САМАРИДДИН,**
**Суратгир Беҳрӯз АЗИМОВ**











# ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР ФИЛИАЛИ ДТТ: АЗ АНЪАНА ТО НАВОВАРӢ



**Наврӯзи хуҷастапайкро дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара бо шодиву сурур ва ниятҳои неку созанда истиқбол намуданд.**

Ҳамоиши идона, ки бо иштироки доираи васеи омӯзгорону донишҷӯён ҷараён гирифт, аз намоиши дастранҷи донишҷӯдухтарони ҳунарманд оғоз ёфта, иштирокдорон инчунин бо намунаи нодири ҳунарҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ ошноӣ пайдо карданд. Муаррифии расму ойинҳои аҷдодӣ бо маҳорати баланд баргузор ва бозгӯи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ маънидод гардид.

Зимни суханронии ифтитоҳӣ директори филиал, номзади илмҳои кишоварзӣ Ҳошимҷон Абдуллоев, Наврӯзро ҳамчун рамзи эҳёи табиат ва оғози марҳилаи нави зиндагӣ арзёбӣ намуда, ҳозиринро бо фарорасии он табрику таҳният гуфт ва ба онҳо саломатии комили бардавом, рӯзгори ободу осуда ва




дастовардҳои нав ба навро дар роҳи илму маърифат таманно кард.

Дар идома ба иддае аз омӯзгорону донишҷӯёни фаъол ифтихорномаю тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Ҳамчунин, баргузории мусобиқаҳои варзишӣ миёни ҷавонон ба чорабинӣ ҳусни тоза бахшида, фазои рақобати солим ва дӯстиро тақвият дод.

Дар хотима, барномаи фарҳангии пешниҳоднамудаи дастаи ҳунарии таълимгоҳ бо пешниҳоди рақсу суруду мусиқии идона, табъи иштирокдоронро болидатар гардонид.







# ПАЙВАНДИ АНЪАНАҲОИ НАВРӮЗӢ ВА АРҶГУЗОРӢ БА АРЗИШИ ОНҲО

**Дар МДТ "Литсейи инноватсионии Душанбе"-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷашни байналмилалии Наврӯз бо шаҳомат ва дар фазои пур аз анъанаҳои миллӣ таҷлил гардид. Ин иқдоми фарҳангӣ бо ҳадафи эҳёи суннатҳои ниёгон, тарбияи ҳисси худшиносии миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ роҳандозӣ шуд.**



Муҳассилини таълимгоҳ бо пӯшидани либосҳои миллӣ, аз ҷумла чакан, атласу адрас ва тоқӣ, симои ҷашнро боз ҳам рангинтар намуданд. Омӯзгорон ва хонандагон бо намоиши расму ойинҳои қадима, аз қабили оростани суфраи ҳафтсину ҳафтшин, пухтани суманак ва баргузории бозиҳои миллӣ, рӯҳи аслии Наврӯзро зинда гардониданд.





Иштирокчиёни чорабинӣ аз осори шоирони классику муосир порҳои шеърӣ қироат намуда, ҳамчунин барномаи фарҳангии ҷолиберо, ки аз суруду рақсҳои ҷаззоб ва саҳначаҳои кӯтоҳи театрӣ иборат буд, пешкаш карданд. Ин барнома ба фазои ҷашн мазмуни амиқ ва ҳусни тоза бахшид.



Роҳбарияти муассиса зимни суханронӣ иброз намуданд, ки Наврӯз на танҳо ҷашни баҳору эҳёи табиат, балки рамзи дӯстиву ваҳдат, покиву навсозии маънавии инсон мебошад. Зикр гардид, ки баргузории чунин чорабиниҳо дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ нақши муҳим дорад.




Ҳамчунин, дар доираи чорабинӣ намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардида, ҳунармандон маҳсули дастони моҳири худро ба маърaз гузоштанд. Иштирокдорон аз гӯшаҳои гуногуни намоишгоҳ дидан намуда, бо анъанаҳои қадимаи мардумӣ аз наздик ошноӣ пайдо карданд.

Дар идома, кормандону омӯзгорон ва хонандагони фаъоле, ки дар озмунҳои фаннии ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ ба гирифтани мақомҳои ифтихорӣ шарафёб гардиданд, бо диплом, сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

**"ФАНОВАР"**



**Исомуддин ШАРИФЗОДА,**
**муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва тарғиботӣ**

# ҲАМВАТАН, ҲАР РӮЗИ ТУ НАВРӮЗ БОД!

*Аслу хираду хомаи мо Наврӯз аст,*
*Шеъру газалу чомаи мо Наврӯз аст.*
*Таърихуу тамадуну тафаккур ҳамагӣ*
*Бунёди куҳаннoмаи мо Наврӯз аст.*

***

*Эй кухнатар аз кавну маконҳо, Наврӯз,*
*Вомондаи сад давру замонҳо, Наврӯз.*
*Танҳо на замин аст ба таъсир туро,*
*Пайванди ту бо ҳама ҷаҳонҳо, Наврӯз.*

***

*Гардун ба мадори нав муборак бодат!*
*Сад ишқу хумори нав муборак бодат!*
*Эй ёри париваши чу гул наврӯста,*
*Шогуна баҳори нав муборак бодат!*

***

*Ҳамватан, ҳар рӯзи ту Наврӯз бод!*
*Дар ҳама корат хирад пирӯз бод!*
*Ишқу шодиву муҳаббат ҳамраҳат,*
*Зиндагонии ту меҳрафрӯз бод!*



# НАВРӮЗ ВА РАСМУ ОЙИНҲОИ ОН



Наврӯз рамзи муҳаббату зебоӣ, сафову покӣ ва саховату некӣ, оғози кишту кор, бедоршавии табиату ҷомеа, иди баҳору ҷавонӣ, ишқу муҳаббати мардум ва дӯстиву рафоқати халқҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон, ки Ватани Наврӯзи хуҷастапайк аст, бо истиқболи густурда ва шукӯҳу шаҳомати хоса онро таҷлил менамояд.

Наврӯз оинаи таърихи фарҳанг ва афкори ахлоқию ҷаҳонбинии мардум мебошад. Дар ин рӯз ҳамбастагии хосу ом ва муттаҳидиву ягонагии афроди ҷомеа ба вуқӯъ мепайвандад. Тибқи ойинҳои наврӯзӣ, ҳама дилмондагӣ, номувофиқатӣ, нофаҳмӣ ва кудурати дилҳо нисбат ба дигарон бо фаро расидани Наврӯз аз миён бардошта шуда, афроди ҷомеа даст ба дасти ҳам дода, зиндагии озоду беолоишро пеш хоҳанд гирифт.

Рақсу шодиву сурур, хондани таронаву суруд, замзамаи ашъори шоирон, зудудани кудуратҳо ва дасти меҳру рафоқат дароз кардан ба ёру дӯстону наздикон, аёдати дӯстони барҷомонда, гулгардонӣ, ҷуфтбаророн, ниҳолшинонӣ, чаҳоршанбесурӣ ва дигар маросимҳои рамзӣ барои ба амал баровардани орзую ормонҳои мардум ба умеди хушу бофароғат гузарондани соли нави фаворасида мусоидат хоҳанд кард.

Рамзҳои асосии ин ҷашни бузург инҳоянд: деҳқонон бо ният замин шудгор карда, ба он донаи умед мепошанд. Бонувон дар табақҳо гандумро барои суманак майса сабзонида, онро ҳамчун паёме аз навгониҳои табиат танҳо аз сабзаи нав як шабу як рӯз бо замзамаи суруди махсус омода менамоянд. Рӯзи ид барои бачаҳо либоси нав медӯзанд, калонсолон ҳам саъй мекунанд, ки либосҳояшон нав бошанд. Ҳамин тариқ, навгониву навсозиҳо дар фасли нав мардумро ба ҳаёту табиат дилгарм месозанд.

Дигар аз ойинҳои наврӯзӣ аз қадим густурдани дастархони наврӯзӣ мебошад. Ороишаш ҷаззоб буда, неъматҳои зиёд ба рӯи он мегузоранд. Дар мо-тоҷикон гузоштани ҳафт чиз, яъне «ҳафт син» «ҳафт шин» ва «ҳафт мим» аз қадим маъмул аст. Ҳар чизи дар хони наврӯзӣ гузоштaшуда рамзи худро дорад. Дастархони наврӯзии тоҷикон ҳоло ҳам дар ҳар минтақаи Тоҷикистон хеле зебову рангоранг оро дода мешавад.

Дар ҳақиқат, пажӯҳиши таърихи Наврӯзи оламафрӯз аҳамияти калони илмию маърифатӣ дошта, саҳифаҳои рангини тамаддуни оламшумули мо-тоҷиконро боз ҳам ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ мекунад.

**Соҳира ҲАМИДУЛЛО,**
**Моҳира АБРОРЗОДА,**
**омӯзгорони фанни забони давлатии МДТ "Литсейи инноватсионии Душанбе"-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**





# "НАВРӮЗ – ОМИЛИ ВАҲДАТ ВА ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН"

**Таҳти ҳамин унвон, бо ташаббуси кафедраи забонҳои хориҷии факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бо мақсади арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, таҳкими худшиносӣ ва тарбияи ҳисси ватандӯстӣ миёни ҷавонон маҳфили илмӣ-адабӣ роҳандозӣ шуд.**

Зимни ифтитоҳи он декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ Сатторзода Абдурасул Абдуғаффор аз аҳамияти таърихию фарҳангии ҷашни аҷдодӣ ёдовар гардида, изҳор дошт, ки Наврӯз ҳамчун ҷашни эҳёи табиат ва рамзи сулҳу дӯстӣ дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди давлатдории тоҷикон нақши муассир дорад.

Сипас, мудири шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ Абдуламин Маҷнунов перомуни "Наврӯз – ҷашни миллӣ ва мардумӣ", мудири кафедраи забонҳои хориҷии ДТТ Сабур Носирзода дар мавзӯи "Наврӯз – ҷашни бузургдошти табиату инсон" ва мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ДТТ Муҳаммадзикриё Боқизода оид ба сиёсати давлатии ҷавонон ва саҳми онҳо дар ҳифзу гиромидошти анъанаҳои миллӣ баромад карда, Наврӯзро ҳамчун мероси гаронбаҳои ниёгон ва ҷашни умумибашарӣ арзёбӣ ва ба ҷанбаҳои мардумию анъанавии он таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуданд.

Махсусан, зикр шуд, ки Наврӯз ҳамчун омили пайванди инсон бо табиат ва рамзи эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ дар тарбияи маънавии ҷавонон метавонад нақши калидӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, ояндагони ҷомеаро мебояд мероси фарҳангиро пос дошта, дар рушду пешрафти кишвар саҳми арзанда гузоранд.

Дар идома, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоир Насимбек Қурбонзода, бо қироати шеърҳои тоза ба маҳфил ҳусни дигар бахшида, эҳсоси ифтихор аз Ватан ва Наврӯзро дар қалби ҳозирин бедор сохт.

Муҳассили курси якуми ихтисоси 1-40010103 Носирҷон Нозимшоев ва толибилми курси якуми ихтисоси 1-1901010202 Фарида Одинамаҳмадова дар қисмати "Минбари донишҷӯ" доир ба нақши Наврӯз дар таҳкими худшиносии миллӣ ва ваҳдати ҷомеа изҳори назар карданд.

Дар фарҷоми иштирокчиён изҳори қаноатмандӣ ва таъкид карданд, ки Наврӯз ҳамчун ҷашни сулҳу ваҳдат ва рамзи Истиқлолияти давлатӣ минбаъд низ бояд бо шукуҳу шаҳомати хоса таҷлил гардад.

**«ФАНОВАР»**



# "ЧАКОМАИ ГЕСУ" - НАМОИШИ ЗЕБОИИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**Тарғиби анъанаҳои зебои миллӣ, баланд бардоштани завқи зебоипарастӣ ва эҳтиром ба фарҳанги миллӣ аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки зимни баргузории озмуни «Чакомаи гесу» аз ҳадафҳои асосӣ ба ҳисоб мерафтанд. Он 16 марти соли равон дар МДТ «Литсейи инноватсионии Душанбе»- и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо ҷалби толибаҳои синфҳои болоӣ доир гардид.**

Зимни сабқат, ки бо риояи анъанаҳои миллӣ ҷараён гирифт, довталабон маҳорати худро дар ороиши мӯйи сар, тарзи дурусти оростани дастархон, қабули меҳмонон ва дигар ҳунарҳои миллӣ ба намоиш гузоштанд.

Дар ҷамъбаст хонандаи синфи 10-и "б" Сумая Абророва ва толибаи синфи 11-и "б" Сумая Турдиева сазовори ҷойи аввал гардиданд. Ба гуфтаи ҳайати ҳакамон, ҳар ду нисбат ба дигарон маҳорати баланд нишон дода, ҳозиринро мафтуни ҳунару истеъдоди волояшон намуданд.

Ҷойҳои дуюму сеюмро мутаносибан хонандаи синфи 10-и "б" Нозия Махамадиева



ва толибаи синфи 10-и "а" Нозанин Низомова ишғол карданд.

«Чакомаи гесу» дар фазои идона ва ҳусни зебои ҷашни байналмилалии Наврӯз баргузор шуда, ба тарғиби фарҳанги миллӣ ва зебоии суннатҳои тоҷикона мусоидат хоҳад намуд.

Дар ин бора муовини директори МДТ «Литсейи инноватсионии Душанбе»- и назди ДТТ Аброрзода Моҳира Ҳамидулло иттилоъ дод.

**"ФАНОВАР"**

**Идораи равобити хориҷӣ ба диққати донишҷӯён мерасонад, ки Донишгоҳи Вальядолиди Шоҳигарии Испания дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи мубодилаи академии байналмилалии Эразмус+ КА-171-и Иттиҳоди Аврупо қабули дархостҳоро барои соли таҳсили 2026-2027 ҷиҳати дарёфти стипендия дар зинаи бакалавриат ва магистратура эълон намудааст.**




Муҳлати ниҳоии дархостҳо 05-уми майи соли 2026 (бо вақти Испания 23:59) муайян гардидааст.

Барои гирифтани маълумоти бештар ва омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ хоҳишмандон метавонанд ба идораи робитаҳои хориҷии ДТТ тавассути телефони 234-59-27 ва почтаи электронии intertut90@gmail.com муроҷиат намоянд.

Ёдрас менамоем, ки довталабон аз ҳуҷҷатҳои омодагардида бояд якнусхаӣ дар ҷузвдони алоҳида ба идораи робитаҳои хориҷии ДТТ супоранд.

Маълумоти муфассал тавассути истиноди зерин дастрас аст:
**https://uvamobplus2.uva.es/.../CONVOCATORIA_SMS_2627_EN.pdf**

Назм

## НАВРӮЗИ НАҒЗОИН, БИЁ!

*Кӯки чашмам канда шуд, Наврӯзи нағзоин, биё!*
*Сина дардоганда шуд, Наврӯзи нағзоин, биё!*
*Бар дилам зад ин ҳама сардию берангии дай,*
*Мурғакаш ноланда шуд, Наврӯзи нағзоин, биё!*
*Осмони ифтихори тоҷикамро номи ту*
*Ахтари тобанда шуд, Наврӯзи нағзоин, биё!*
*Дар Паёмаш Пешво чун пуштвонният намуд,*
*Душманат шарманда шуд, Наврӯзи нағзоин, биё!*
*Оташи меҳри ту, эй некӯтарин сунъи башар,*
*Дар ҷаҳон рахшанда шуд, Наврӯзи нағзоин, биё!*
*Завқи мардум сахт сармо хурдаасту з-ин сабаб,*
*Шеър камхонанда шуд, Наврӯзи нағзоин, биё!*
*Зудтар о, зудтар, к-аз дард, дарди бетуӣ,*
*Ҳоли ҷонам ганда шуд, Наврӯзи нағзоин, биё!*

**Сабур НОСИР**,
**мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ**

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

*Ҷашни Наврӯз шуд, он ҳамдаму дилдор куҷост?*
*Гулу себарга шукуфт, накҳати гулзор куҷост?*
*Ҷашни Наврӯз шуд, олам ҳама гулпӯш омад,*
*Нури чашмони ману давлати бедор куҷост?*
*Ҳама кас бо гулу бо сабза ба саҳро рафтанд,*
*Мани дилбохтаро фурсати дидор куҷост?*
*Насим аз кокули сунбул хабаре меорад,*
*Хабари омадани он бути айёр куҷост?*
*Алами лола ба ҳар дашту даман барпо шуд,*
*Парчами қомати он лолаи кӯҳсор куҷост?*
*Ҷом бар даст гирифтанду ҳама шод ба ҳам,*
*Соқии масту лаби лаъли шакарбор куҷост?*
*Булбулон дар чамани сабз ғазалхон шудаанд,*
*Нағмаи шӯхию он ёри вафодор куҷост?*
*Дил зи танҳоӣ ба дод омаду олам гул кард,*
*Марҳами захми дили хастаи бемор куҷост?*
*Ҷӯйҳо аз асари гиряи абр омада ҷӯш,*
*Хандаи он лаби хандони гуҳарбор куҷост?*
*Шамс дар бурҷи ҳамал чашми тамошо дорад,*
*Ҷилваи қомату он моҳи шаби тор куҷост?*
*Гарчи Наврӯз ҷаҳонро ҳама гулпӯш намуд,*
*Бе рухи ёр бигӯ, лаззати гулзор куҷост?*
*Юсуф аз накҳати гулҳои чаман меболад,*
*Бӯи он пираҳану дилбари ғамхор куҷост?*

****

*Нафас дар сина меларзад, чу номат бар забон ояд,*
*Ки аз ёдат ба ҷони ман баҳори ҷовидон ояд.*
*Зулоли чашми мастатро ба сад дарё намебахшам,*
*Ки аз умқи нигоҳи ту фурӯғ аз осмон ояд.*
*Агар сад сол биншинам дар оғӯши хаёли ту,*
*Ҳанӯз аз атри гесӯят насими гулситон ояд.*
*Тамоми шаҳр медонад, ки ман масту ғазалхонам,*
*Зи ҳар сози нафасҳоям садои дилситон ояд.*
*Қадам ҳар ҷо ки мемонам, зи ишқат қисса мегӯям,*
*Ки аз хоки раҳам гӯё нишони остон ояд.*
*Чу овозат ба гӯши ман расад аз дуриҳои дур,*
*Ки аз лаҳни шакарборат суруди ошиқон ояд.*
*Маро тасвир месозанд дар афсонаҳои ишқ,*
*Ки аз лафзи ғазалҳоям навиди меҳрубон ояд.*
*Агар пурсанд ҳоламро, бигӯям бо сари боло.*
*Зи файзи ин муҳаббатҳо шукӯҳи каҳкашон ояд.*
*Ҳама маҳбуси дунёву ман аз олам бурун рафтам,*
*Ки аз анфоси покат накҳати сад бӯстон ояд.*
*Маро аз банди ғам бикшо, ки дар зиндони танҳоӣ,*
*Ки бо як ҷилваи рӯят, ба ҷисмам нақди ҷон ояд.*
*Шаби ҳиҷрон ба поён шуд, сабоҳ аз кӯи ту бархост,*
*Гуле аз боғи васли ту ба дасти боғбон ояд.*
*Натарсам аз ҷафои кас, чу ҳастӣ дар канори ман,*
*Зи нури чеҳраи покат ҳазорон армуғон ояд.*
*Бигӯ Юсуф, сухан аз дил, ки дар бозори ин дунё,*
*Зулайхо аз фироқи ту ба сад оҳу фиғон ояд.*

**Насруллоҳ АМИРАЛИЗОДА,**
**омӯзгори кафедраи математикаи олӣ ва информатика**

Фановар
МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М.М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорозода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтаномаи «Фановар» 27-уми декабри соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 409/рз-97.

Ҳафтанома дар ҶДММ «Аниса-95»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 2000 нусха